“Тасдиқ мекунам”

Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Ж. Б. ____________

“__27__” ____________ соли 2026

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба диссертатсияи Шарифзода Файзигул Шариф дар мавзуи «Истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Шарифзода Файзигул Шариф дар мавзуи «Истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод гардидааст, мувофиқ мебошад. Муҳтаво ва равиши таҳқиқ низ ҷавобгӯйи талабот ва меъёрҳои муайяннамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Бояд зикр кард, ки таҳқиқ дар доираи шиносномаи ихтисоси мазкур тамоми унсурҳои зарурии назариявӣ ва амалӣ, аз ҷумла, методологияи таҳлил ва таҳқиқоти муқоисавиро фаро гирифтааст. Диссертант дар таҳқиқоти илмии худ адабиёти назариявӣ ва таърихии марбут ба мавзуъро мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор дода, заминаҳои назариявии онро бо такя ба манбаъҳои илмӣ ба таври муфассал шарҳу тавзеҳ намудааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқотии Шарифзода Файзигул Шариф яке аз масъалаҳои муҳим ва мубрами замони муосир мебошад, зеро дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди босуръати технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ такмили низоми маориф, баланд бардоштани сифати таҳсилот ва татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълим самтҳои афзалиятноки сиёсати давлат маҳсуб меёбанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ, дар доираи ислоҳоти соҳаи маориф, татбиқи технологияҳои муосири таълим, баланд бардоштани сифати таҳсилот ва омода намудани насли ҷавон ба талаботи ҷомеаи иттилоотӣ аҳаммияти махсусро касб намудааст. Дар ин замина истифодаи самараноки воситаҳои иттилоотию технологияҳои инноватсионӣ ҳамчун омили муҳимми рушди қобилиятҳои зеҳнӣ, маърифатӣ ва амалии хонандагон мавқеи калидӣ дорад.

Таҳлили таҷрибаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нишон медиҳад, ки сарфи назар аз фароҳам гардидани заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва техникӣ имкониятҳои воситаҳои иттилоотию технологияҳои инноватсионӣ ҳанӯз пурра ва самаранок истифода намешаванд. Дар бисёр ҳолатҳо сатҳи омодагии омӯзгорон, маҳдуд будани таъминоти техникию методӣ ва набудани механизмҳои муассири татбиқи технологияҳои нав ба сифати раванди таълим таъсири манфӣ мерасонанд. Ин ҳолат зарурати омӯзиши амиқи масъала, муайян намудани роҳҳои баланд бардоштани самаранокии истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ва таҳияи тавсияҳои илмӣ-методиро ба миён меорад.

Мубрамияти мавзуъ, инчунин, ба он асоснок мегардад, ки истифодаи мақсадноки технологияҳои иттилоотӣ барои баланд бардоштани фаъолнокии таълим, рушди тафаккури эҷодӣ, мустақилияти маърифатӣ ва рақобатпазирии хонандагон мусоидат намуда, барои омода намудани мутахассисони соҳибсалоҳият дар ҷомеаи муосир

заминаи мусоид фароҳам меорад. Аз ин рӯ, таҳқиқи масъалаи истифодаи самараноки воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионӣ дар фаъолияти таълимии хонандагон аҳаммияти назариявӣ ва амалии муҳим дошта, мубрамияти баланди илмӣ ва иҷтимоӣ дорад. Дар баробари ин, дар таҳқиқ роҳҳо, шаклҳо ва усулҳои истифодаи самараноки воситаҳои иттилоотию технологияҳои инноватсионӣ барои баланд бардоштани сифати таҳсилот, рушди тафаккури эҷодӣ, мустақилияти таълимӣ ва омодасозии хонандагон ба зиндагӣ ва фаъолияти касбӣ дар ҷомеаи иттилоотӣ муайян ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудаанд.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Диссертатсияи Шарифзода Файзигул Шариф дар мавзуи «Истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқи илмии анҷомёфта ва аз нигоҳи назариявию амалӣ арзишманд буда, ба баррасии яке аз масъалаҳои муҳим ва мубрами педагогикаи муосир бахшида шудааст. Диссертатсия дар заминаи таҳлили амиқ ва омӯзиши ҳамаҷонибаи осори илмии олимону муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин, дар асоси ҷанбаҳои асосии истифодаи технологияҳои иттилоотию инноватсионӣ дар раванди таълим мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муқарраароти назариявии таҳқиқ бо такя ба таҳлилу арзёбии ҳамаҷонибаи адабиёти илмии педагогӣ ва психологӣ, инчунин, натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқот ба таври илмӣ асоснок гардидаанд.

Дар диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ оид ба истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияҳои инноватсионии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъбаст гардида, роҳҳо ва шароитҳои педагогии татбиқи самараноки онҳо дар раванди таълим муайян ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудаанд. Ҳамчунин, таъсири технологияҳои муосири иттилоотӣ ба

баланд бардоштани сифати донишандӯзӣ, рушди фаъолнокии маърифатӣ, тафаккури эҷодӣ ва мустақилияти таълимии хонандагон мавриди таҳлил қарор гирифта, тавсияҳои амалии зарурӣ пешниҳод шудаанд.

Муқаррароти асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар нашрияҳои илмӣ ба нашр расидаанд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқ дар конференсияҳои сатҳи минтақавӣ ва ҷумҳуриявӣ, семинарҳои илмӣ-методӣ мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор дода шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.** Дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ-педагогӣ ва гузаронидани корҳои таҷрибавию озмоишӣ, диссертант дар диссертатсия навгонии илмии таҳқиқро чунин муайян намудааст: муаллифи диссертатсия мавзуи «Истифодаи воситаҳои иттилоотӣ ва технологияҳои инноватсионии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» -ро бори аввал дар илми педагогикаи ватанӣ ба таври ҳамаҷониба мавриди омӯзиш, таҳқиқ ва таҳлили амиқи илмӣ қарор дода, дар асоси натиҷаҳои бадастомада навгонии таҳқиқро ба шакли зерин пешниҳод намудааст:

- заминаҳои назариявию методии татбиқи самараноки воситаҳои иттилоотӣ ва технологияҳои муосири инноватсионӣ дар раванди фаъолияти таълимии хонандагон аз ҷиҳати илмӣ таҳлил ва асоснок гардида, таъсири онҳо ба баланд бардоштани сатҳи донишандӯзӣ ва такмили сифати таълим муайян карда шуд;

- бо такя ба принсипҳои методологии педагогикаи муосир асосҳои илмӣ-педагогии истифодаи самараноки воситаҳои иттилоотӣ ва технологияи инноватсионӣ дар фаъолияти таълимии хонандагон таҳия гардида, шароит ва механизмҳои татбиқи онҳо муайян карда шуд;

- амалисозӣ ва натиҷабахшӣ аз баҳрабардории воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионӣ, коркарди қоидаҳо, усулҳои гуногун бо назардошти шароити муосири рушди низоми таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мушаххас гардид;

- хусусиятҳои татбиқ ва дараҷаи таъсирбахшии воситаҳои иттилоотӣ ва технологияи инноватсионӣ дар раванди таълим муайян гардида, асосҳои илмӣ-методии коркарду истифодаи усулҳо ва технологияҳои гуногуни таълим мутобиқ ба шароити кунунии рушди низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ таҳия ва асоснок карда шуд;

- мутобиқ ба талаботи низоми муосири маориф, ҷанбаҳои методии таҳия ва татбиқи барномаҳою дастурҳо оид ба истифодаи мақсадноки технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди фаъолияти таълимии хонандагон коркард ва асоснок гардиданд;

- низоми истифодаи шаклу усулҳои омӯзиши фаъол дар фаъолияти таълимии хонандагон дар асоси мониторинги сифати таълим таҳия гардида, самаранокии татбиқи он дар амалияи таълим собит карда шуд;

- методҳои таҳқиқоти педагогии истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионӣ дар фаъолияти таълимии хонандагон коркард шуда, дар ҷараёни таълим татбиқ карда шуданд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои дисертатсия** дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии олимон, муҳаққиқон, омӯзгорон ва роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мавриди истифода қарор гиранд. Аҳаммияти илмии таҳқиқ, пеш аз ҳама, дар такмили асосҳои назариявию методологии истифодаи воситаҳои иттилоотӣ ва технологияи инноватсионӣ дар ҷараёни таълим, инчунин, муайян намудани роҳҳо ва шароитҳои педагогии татбиқи самараноки онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зоҳир мегардад. Натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқот метавонанд барои рушди назарияи педагогикаи

муосир, технологияҳои таълим ва такмили раванди рақамикунонии соҳаи маориф мусоидат намоянд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ дар таҳия ва пешниҳод намудани тавсияҳои илмӣ-методӣ, шаклҳо, усулҳо ва технологияҳои самараноки истифодаи воситаҳои иттилоотӣ дар фаъолияти таълимии хонандагон ифода меёбад. Натиҷаҳои таҳқиқ метавонанд дар фаъолияти таълимӣ ва идоракунии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни таҳияи барномаҳои таълимӣ, дастурҳои методӣ, курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон ва дигар маводди таълимӣ васеъ истифода шаванд.

Аҳаммияти иҷтимоии таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки татбиқи натиҷаҳои он метавонад ба баланд бардоштани сифати таҳсил, рушди саводнокии рақамӣ, ташаккули тафаккури эҷодӣ ва мустақилонаи хонандагон, инчунин, омодасозии онҳо ба зиндагӣ ва фаъолият дар ҷомеаи иттилоотӣ мусоидат намояд. Ҳамзамон, истифодаи воситаҳои иттилоотӣ ва технологияҳои инноватсионии таълим барои рушди қобилиятҳои маърифатӣ, фаъолиятнокии таълимӣ ва рақобатпазирии хонандагон заминаи мусоид фароҳам меорад.

Мавод ва натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми таҳияи монографияҳо, дастурҳои таълимӣ-методӣ, мақолаҳои илмӣ, барномаҳои таълимӣ, тавсияҳои методӣ ва дигар санадҳои таълимию методӣ оид ба истифодаи воситаҳои иттилоотӣ ва технологияҳои инноватсионии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор гиранд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Дар раванди ҳалли илмии масъалаҳои гузошташуда интихоби дурусти равишҳои методологӣ ва усулҳои пажуҳиш аз ҷониби муаллиф имконият фароҳам овард, ки натиҷаҳои арзишманди илмӣ ба даст оварда шаванд. Муқаррароти дар таҳқиқот пешниҳодшуда ба нуқтаи назариявӣ ва методологӣ бо асоснокии худ комилан мувофиқ ва

бо мавзуъ ва предмети таҳқиқ яксон буда, ба истифодаи самараноки воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионӣ дар рушди фаъолияти таълимии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мусоидат мекунад.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ бо асоснокии назариявӣ ва амалии масъалаи мавриди омӯзиш, дурустии хулосаҳо ва тавсияҳои илмӣ, истифодаи мақсадноки маҷмуи усулҳои таҳқиқоти педагогӣ, аз ҷумла мушоҳида, пурсиш, суҳбат, анкетагузаронӣ, омӯзиши ҳуҷҷатҳои таълимӣ, таҷрибавию озмоишӣ, муқоиса, таҳлил, ҷамъбаст ва синтез таъмин карда мешавад. Эътимоднокии натиҷаҳо, инчунин, ба истифодаи маълумоти воқеии дар ҷараёни корҳои таҷрибавию озмоишӣ бадастомада, татбиқи усулҳои таҳлили сифатӣ ва миқдорӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва санҷиши амалии самаранокии истифодаи воситаҳои иттилоотӣ ва технологияи инноватсионии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон асос меёбад. Мутобиқати натиҷаҳои бадастомада ба ҳадаф, вазифаҳо ва фарзияи таҳқиқот, инчунин, тасдиқи онҳо дар раванди таҷрибавию озмоишӣ дараҷаи баланди эътимоднокии натиҷаҳои илмии таҳқиқро таъмин менамояд.

Инчунин, барои ба даст овардани натиҷаҳои таҳқиқот дар амал унсурҳои таҳлили мундариҷаи матн, усули баҳодиҳии ташхисӣ, усули банақшагирии самараноки озмоишҳо, пурсиш, мусоҳиба, суҳбат, мушоҳида, кори таҷрибавӣ-озмоишӣ, таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти озмоишӣ истифода шуданд. Асоснокии хулосаҳо ва пешниҳодҳои овардашуда, инчунин, сатҳи баланди илмии онҳо гувоҳи онанд, ки муаллиф аз осори муҳимми олимони шинохтаи соҳаи таърихи ватанӣ ва хориҷӣ эҷодкорона истифода бурдааст. Хулоса ва тавсияҳои илмии таҳқиқ, ки дар заминаи таҳлилҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ тахия

шудаанд ва барои татбиқи амалии натиҷаҳо заминаи устувор фароҳам овардаанд, эътимоднокии таҳқиқотро тасдиқ мекунанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Саҳми шахсии довталаб аз муайян кардани мақсад, вазифаҳо, объект, предмет, фарзия ва масъалаҳои таҳқиқот ва матраҳ сохтани масъалаҳои мубрами таҳқиқот, таҳлилу баррасии иттилооти бадастовардашуда иборат мебошад. Таҳлили назариявию методологӣ, таҳқиқи амалӣ ва санҷидани фарзияи гузошташуда, коркарди пешниҳод ва хулосаҳо, ки муҳтавои диссертатсияро тартиб медиҳанд, маҳз натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи муаллифи диссертатсия маҳсуб меёбад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Баъзе фаслҳо ва бобҳои алоҳидаи таҳқиқи мазкур дар шакли мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои илмии “Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф”, “Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ” ва дар маҷмуаи мақолаҳои конфронсҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ нашр гардидаанд. Шумораи умумии ин мақолаҳо ба 15 адад мерасад, ки аз ҷумла 9-тои онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандае ба табъ расидаанд, ки дар рӯйхати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил мебошанд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Таҳқиқи пешниҳодгардида аз муқаддима, 3 боб, 6 фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Ҳамчунин, ихтисораҳо дар ҳаҷми як саҳифа пешниҳод гардидаанд.

**Дар муқаддима** аҳаммият ва мубрамияти мавзуи диссертатсия, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, инчунин, аҳаммияти назариявию амалии он, баргузории марҳилаҳои таҳқиқот ва корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ дар пойгоҳҳои таҳқиқотӣ баррасӣ гардидааст. Боби якуми диссертатсия таҳти унвони **«Асосҳои назариявӣ-методологии истифодаи самараноки**

**воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионӣ дар фаъолияти таълимии хонандагон»** аз ду фасл иборат буда, дар он масъалаҳои марбут ба моҳият ва мазмуни таълими инноватсионӣ, хусусиятҳои истифодаи воситаҳои иттилоотӣ дар раванди таълим, асосҳои назариявию методологии татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, инчунин нақш ва ҷойгоҳи воситаҳои иттилоотӣ дар баланд бардоштани самаранокӣ ва сифати таълим мавриди таҳлилу баррасии илмӣ қарор гирифтаанд.

Дар ин боб унвонҷӯ Шарифзода Файзигул Шариф мафҳумҳои «инноватсия», «технологияи инноватсионии таълим», «воситаҳои иттилоотӣ», «муҳити иттилоотию таълимӣ» аз нуқтаи назари олимони ватанӣ ва хориҷӣ таҳлил намуда, ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии истифодаи онҳо дар фаъолияти таълимии хонандагон шарҳ додааст. Ҳамчунин, омилҳои педагогӣ, дидактикӣ ва ташкилии истифодаи самараноки технологияҳои иттилоотӣ ва имкониятҳои онҳо дар рушди фаъолияти маърифатӣ, тафаккури мустақилона, малакаҳои омӯзишӣ ва фаъолнокии таълимии хонандагон муайян карда шудаанд.

Ҳамзамон, дар ин боб масъалаҳои марбут ба моҳият, мазмун ва аҳаммияти воситаҳои иттилоотӣ ва технологияи инноватсионии таълим дар шароити муосири рушди низоми маориф мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар ин замина, мафҳумҳои асосии таҳқиқот, аз ҷумла «воситаҳои иттилоотӣ», «технологияҳои инноватсионии таълим», «муҳити иттилоотию таълимӣ» ва «фаъолияти таълимии хонандагон» аз нуқтаи назари илмҳои педагогӣ таҳлил ва шарҳ дода шудаанд. Назарияҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба масъалаи истифодаи технологияи иттилоотӣ дар раванди таълим мавриди омӯзиш қарор гирифта, нақш ва ҷойгоҳи онҳо дар баланд бардоштани сифати таълим, рушди фаъолияти маърифатӣ, тафаккури эҷодӣ ва мустақилияти омӯзишии хонандагон муайян карда шудааст. Ҳамчунин, дар боб

заминаҳои назариявии татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, омилҳои таъсиргузор ба самаранокии истифодаи онҳо ва имкониятҳои педагогии воситаҳои иттилоотӣ дар такмили мазмун, шакл ва усулҳои таълим асоснок гардидаанд.

Боби дуюми диссертатсия **«Мавқеъ ва нақши истифодаи самараноки воситаҳои навоварӣ (инноватсионӣ) дар барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ»** унвон дошта, дар он масъалаҳои марбут ба татбиқи барномаҳои таълимие, ки ба талаботи низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ дар самти истифодаи воситаҳои иттилоотӣ ва технологияҳои инноватсионӣ ҷавобгӯ мебошанд, мавриди таҳлилу баррасии илмӣ қарор гирифтаанд. Дар ин боб таъкид мегардад, ки истифодаи мақсадноки воситаҳои иттилоотӣ ва технологияҳои инноватсионӣ дар мазмуни барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ, дар омодасозии хонандагон ба шароити ҷомеаи муосири иттилоотӣ ва воридшавии онҳо ба ҷаҳони рақамӣ нақши муҳим ва муассир мебозад. Ҳамзамон, нишон дода шудааст, ки мутобиқсозии мазмуни маводди таълимӣ ба талаботи муосир имконият фароҳам меорад, ки сатҳи донишу малакаҳои хонандагон баланд гардида, қобилияти истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар онҳо рушд ёбад.

Дар боби мазкур масъалаҳои марбут ба ташкил ва амалисозии барномаҳои таълимӣ мутобиқи талаботи низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба истифодаи самараноки воситаҳои иттилоотӣ ва технологияҳои инноватсионӣ дар фаъолияти таълимии хонандагон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар асоси таҳқиқи масъала хулоса бароварда шудааст, ки татбиқи самараноки барномаҳои таълимии дорои мазмуни инноватсионӣ имконият фароҳам меорад, ки фаъолияти таълимии хонандагон фаъол гардида, малакаи истифодаи воситаҳои иттилоотӣ дар онҳо рушд меёбад.

Дар боби сеюми диссертатсия **«Корҳои таҷрибавӣ-озмоишии истифодаи самараноки воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионӣ дар фаъолияти таълимии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ»** натиҷаҳои таҳқиқоти таҷрибавию озмоишии гузаронидаи муаллифи диссертатсия оид ба санҷиши самаранокии истифодаи воситаҳои иттилоотӣ ва технологияҳои инноватсионии таълим дар раванди фаъолияти таълимии хонандагон, муайян намудани таъсири онҳо ба баланд бардоштани сифати донишандӯзӣ, рушди малакаҳои истифодаи технологияҳои муосир ва фаъолнокии таълимии хонандагон мавриди таҳлил ва ҷамъбаст қарор гирифтаанд. Муҳаққиқ дар ин боб маҷмуи усулҳои илмӣ ва амалӣ, аз ҷумла мушоҳидаи педагогӣ, пурсиш, анкетагузорӣ, суҳбат, омӯзиши ҳуҷҷатҳои таълимӣ, таҳлили натиҷаҳои фаъолияти хонандагон, инчунин, усулҳои муқоисавӣ ва таҷрибавию озмоиширо истифода намуда, дар асоси онҳо сатҳи донишандӯзӣ, фаъолнокии таълимӣ ва малакаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар хонандагон муайян ва таҳлил карда шудааст. Дар боби мазкур натиҷаҳои корҳои таҷрибавию озмоишӣ аз ҷиҳати илмӣ таҳлил ва арзёбӣ гардидаанд. Дар ин раванд, нишондиҳандаҳои сифатӣ ва миқдорӣ ба ҳисоб гирифта шуда, самаранокии истифодаи воситаҳои иттилоотӣ ва технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълим бо истифода аз усулҳои таҳлили оморӣ ва муқоисавӣ асоснок карда шудааст. Диаграммаҳо ва ҷадвалҳои таҳлилӣ нишон доданд, ки дар гурӯҳи таҷрибавӣ сатҳи донишандӯзӣ ва фаъолнокии хонандагон нисбат ба гурӯҳи назоратӣ ба таври назаррас баланд гардидааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ.** Диссертатсия ва автореферати он мутобиқ ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия, ки бо қарори Раёсати

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми декабри соли 2024, №493 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмӣ-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо мисолҳо, тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ таъмин аст.

Диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал фаҳмо, бо лаҳни равони тоҷикӣ навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва муттасилӣ ба пуррагӣ риоя гардидааст. Доир ба ҳар як боб ва умуман ба рисола, хулосаҳои возеҳ бароварда шудааст.

Автореферати диссертатсия фарогири мазмуни асосии диссертатсия буда, тибқи талаботи мавҷуда омода карда шудааст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Фаъолияти илмӣ ва омӯзгории муаллиф ба ихтисоси илмиаш мувофиқат менамояд. Мақолаҳои нашрнамудаи ӯ ба ихтисоси 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мувофиқ мебошад. Шарифзода Файзигул Шариф дар конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иштирок намуда, вобаста ба мавзуи диссертатсия маъруза хондааст. Бо назардошти гуфтаҳои боло, хулоса кардан мумкин аст, ки тахассуси илмии диссертант ба дараҷаи илмии дарёфтшаванда мувофиқ мебошад.

**Эродҳо ба таҳқиқи диссертатсионӣ.** Баробари комёбиҳо дар диссертатсияи тақризшаванда баъзе камбудиву норасоиҳо низ ба назар мерасанд, ки зикри онҳоро зарур ва ба манфиати кор меҳисобем:

1. Дар матни диссертатсия баъзе камбудиҳои техникӣ ва имлоӣ мушоҳида мешаванд, ки ислоҳи онҳо барои баланд бардоштани сатҳи илмӣ ва сифати таҳияи рисола зарур мебошад (масалан, аз саҳифаи 9 то 24);

2. Дар қисмати сатҳи таҳқиқии рисола ҷанбаҳои гуногуни масъала набояд танҳо аз олимону муҳақиқони рус, балки аз ақидаҳои дигар олимона соҳа дарҷ мегардид;

3. Дар объекти таҳқиқот, дар ҷараёни таълим, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мақсади таҳқиқ бояд нишон дода шавад;

4. Гарчанде муаллиф калимаҳои ихтисоршударо дар диссертатсия, дар саҳифаи дуюми рисола шарҳу тавзеҳ дода бошад ҳам, баъзе ихтисораҳо дар матн ба назар мерасанд, ки дар рӯйхати мазкур шарҳ дода нашудаанд ё ҳангоми истифодаи аввалини онҳо маънояшон мушаххас гардонида нашудааст.

Камбудиҳои зикргардида ба арзиши баланди илмии таҳқиқоти анҷомдода таъсир намерасонанд ва онҳо характери тавсиявӣ дошта, дар оянда барои беҳтар гардидани сифати диссертатсия кумак мерасонанд. Мавриди зикр аст, ки таҳқиқоти гузаронидаи диссертант арзишҳои назаррасро соҳиб буда, дақиқӣ ва возеҳии мафҳуми диссертатсия дар гузориши муаммо ва роҳҳои ҳалли он, вазифагузории он, аҳаммияти назариявию амалӣ гувоҳи онанд.

Дар маҷмуъ, таҳқиқоти диссертатсионии Шарифзода Файзигул Шариф дар мавзуи «Истифодаи воситаҳои иттилоотию технологияи инноватсионии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» кори таҳқиқотии нав, навгониҳои илмии аҳаммияти назариявӣ ва амалидошта мебошад ва яке аз мавзуъҳои нисбатан кам таҳқиқшуда буда, ба талаботи пешбининамудаи бандҳои 76-79 ва 81-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор мебошад.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Қаюмова Ҳурилиқо Тағайевна мураттаб гардидааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Шарифзода Файзигул Шариф иштирок ва бо маъруза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода 13 нафар устодону омӯзгорон иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 13 нафар, бетараф - нест, муқобил - нест. Қарор дар ҷаласаи кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 25.05.2026, №10/1 қабул гардидааст.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои география,
мудири кафедраи
педагогикаи умумидонишгоҳӣ — Қодиров Ш. С.

**Эксперт:**
номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи
педагогикаи умумидонишгоҳӣ — Қаюмова Ҳ.Т.

**Котиби ҷаласа:** — Нураҳмадзода Д.

Имзоҳои Қодиров Ш.С., Қаюмова Ҳ.Т. ва Д. Нураҳмадзодаро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсус — Юсупова Б. Ғ.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА

**Нишонии муассиса:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6;
Тел: +992 (37) 2 32 50 00, 2 32 87 30, 2 32 50 05;
**E-mail:** dbzkht.tj